# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Расул Ҳодизода дар таърихи адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик ба унвони нависанда, муҳаққиқи варзидаи таърихи адабиёт, мунаққид эътироф гардидааст. Аз ӯ мероси гаронмояе то кунун ба ёдгор мондаанд, ки шахсияти адабиву илмиашро дар сатҳи матлуб муаррифӣ мекунанд.

Маълум аст, ки Расул Ҳодизода корномаҳои хешро ҳамчун адабиётшинос оғоз намуда, баъдан аз солҳои шастуми қарни гузашта ба эҷоди осори насри бадеӣ, бавежа насри таърихӣ машғул гардид. Ҳарчанд дар адабиётшиносии тоҷик ҷиҳати таҳқиқи вежагиҳои осори насрии Расул Ҳодизода корҳои муайяне ба анҷом расидааст, ки ин ҷо метавонем аз таълифоти Абдусамади Мулло ёдовар шавем, вале бештар фаъолиятҳои адабпажуҳии ин донишманди тоҷик дар сурати мақолаҳои ҷудогона баррасӣ шудаанд,ки ин ҷо аз мақолаҳои С. Саъдиев, А.Афсаҳзод М. Муллоаҳмад, Пайванди Гулмурод ва дигарон ёдовар шуд. Баррасиҳои анҷомёфта аз он гувоҳӣ медиҳанд,ки чеҳраи Расул Ҳодизода ҳамчун муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик ва чеҳраҳои барҷастаи адабиёти миллӣ ба сурати алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбудинн аз аввалин пажуҳишоти мустақиле маҳсуб мешавад, ки нуктаҳои меҳварии онро баррасии фаъолияти Расул Ҳодизода ҳамчун муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик ташки медиҳад. Дар заминаи мутолеаи автореферати диссертатсия маълум шуд, ки он аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия, ки фарогири мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳо, арзиши назариву амалӣ, методологияи пажуҳиши илмӣ буда, нуктаҳои ба ҳимоя манзуршавандаро низ фаро мегирад, бар асос муқарраროти КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Боби аввали диссертатсия **“Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода”** унвон дошта, баррасиҳои дар ин масъала анҷомдодаи муаллиф дар ду фасл ҷой гирифаанд. Муаллиф нахуст масъалаи таҳқиқи зиндагиномаи олим ва адибро ба миён гузошта, бар асоси донишномаҳои то кунун таълифшуда, кутуби марбут ба таърихи адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик, ки шарҳи аҳволу осори олимону адибонро фаро мегиранд ва муҳимтар аз ҳама асарҳои ёддоштии худи муаллиф зиндагиномаи муфассали муҳаққиқро шарҳу баён кардааст. Дар ин бахш тамоми нуктаҳои меҳварии шарҳи ҳол ва паҳлуҳои эҷодии Расул Ҳодизода баррасӣ шуда, марҳилаҳои аслии

фаъолиятҳои пажуҳишӣ ва эҷодии ӯ бо зикри маҳсулии хомаи таҳқиқ ва иншои тасниф ва накду баррасӣ гардидаанд. Дар автореферати диссертатсия ба таври муфассалу муназзам баён шудани зиндагинома ва осори илмиву бадеии нависанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқи масъалаҳои меҳварии боби аввал воқеан муфассал ва басо густарда сурат гирифтааст. Баррасии масъала аз таълифи рисолаи дипломӣ ва нахустин мақола таҳти унвони “Таҳқиқоти илмии С. Айнӣ дар бораи адабиёи тоҷик” ва идомаи он то зинаҳои докториву иншои китобҳои бунёдии таърихи адабиёт, силсилаи осори мансури бадеӣ густардагии фаъолиятҳои илмиву эҷодии Расул Ҳодизодаро бар мабнои ин таҳқиқи анҷомёфта ба сурати возеҳ нишон медиҳад.

Боби дуввуми диссертатсия **“Таърихи мушкилоти таърии адабиёт ва рӯзгору осори адибон”** унвон дошта, матлабҳои аслӣ дар ду фасл баррасӣ шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти хеш диссертант муқаррар кардааст, ки фаъолияти пажуҳишии Расул Ҳодизода аз соли 1950 оғоз ёфтааст ва ин донишманд корномаи илмии хешро аз баррасии корномаҳои илмии устод Айнӣ дар робита ба таърихи адабиёти тоҷик оғоз намудаанд. Пажуҳиши муҳаққиқи ҷавон муқаррар кардааст, ки худи устод Айнӣ низ дар тарғиби Расул Ҳодизода ба масъалаҳои таҳқиқи адабиёти тоҷик саҳми назаррас доранд. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти муҳими манбаъшиносӣ диссертант дуруст муқаррар кардааст, ки рисолаи Расул Ҳодизода “Манбаъҳои омӯзиши адабиёти тоҷики нимаи дуюми адабиёти асри XIX” қадами аввал ва ҷиддӣ дар таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик – манбаъшиносӣ ба шумор меравад”.

Дар идома ҷойгоҳи муҳимтарин осори илмии Расул Ҳодизода аз ҷумла «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» дар шинохти адабиёти ин давра ба сурати густарда баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ дуруст муқаррар кардааст, ки таъсири Мирзо Абдулқодири Бедил ба адабиёти ин давра хеле назаррас аст, Гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқи дидгоҳҳои Расул Ҳодизода як бахши муҳими баррасиҳои муҳаққиқи ҷавонро ба вуҷуд овардаанд.

Хидмати Расул Ҳодизода дар таҳқиқи зиндагӣ ва мероси адабии Донии низ бахши ҷудогонаи таҳқиқотро ба вуҷуд овардааст. Фаъолияти мунаққидии Расул Ҳодизодаро дар иртибот ба накдҳои роҷеъ ба эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо ва Файзулло Ансорӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби савуми диссертатсия **«Накши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ»** унвон дошта, ҷусторҳои илмии муаллиф дар 2 фасл шарҳу баён намудааст. Баррасиҳое, ки дар ин боб диссертант анҷом додааст, дар асл ба таҳқиқи ҳунари нависандагии Расул Ҳодизода дар эҷоди намунаҳои насри бадеии таърихӣ ихтисос ёфтааст ва ҳангоми пажуҳиш муаллифи рисола дар навбати аввал муқаррар сохтааст, ки адабиётшиноси номвари мо тавассуи жанрҳои ҳикояву қисса ва

романҳои таърихӣ муваффақ ба офариниши чеҳраҳои адабие чун Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин ва дигарон иқдом намудааст. Аз ин рӯ, ҳарчанд ин осор бештар арзиши бадеӣ доранд, аммо дар идомаи фаъолиятҳои пажуҳишии хеш Расул Ҳодизода муваффақ бар он шуд, ки аз баробари таҳқиқоти илмӣ навъе таҳқиқи бадеии симоҳои адабиро анҷом диҳад, ки бешак ин таълифот арзиши муҳими адабиётшиносӣ ҳам доранд. Таваҷҷуҳи диссертант ба осори бадеӣ ё намунаҳои насри таърихии Расул Ҳодизода низ бар пояи меҳварҳои аслии таҳқиқ аз ҳамин зовия сурат гирифтааст, чун асосан симоҳои офаридаҳои вай шахсиятҳои адабӣ ҳастанд ва бар пояи ин равиш- таҳқиқи бадеӣ нукоти қобили мулоҳизае баён доштааст, ки арзиши адабиётшиносӣ низ доранд.Сабкшиносии насри таърихии Расул Ҳодизода низ дар шумори мабоҳиси муҳими илмии ин қисмати диссертатсия мебошад. Бар асоси баррасиҳои анҷомдода диссертант муҳимтарин вежагиҳои сабки фардии донишмандро ҳамчун нависанда муқаррар кардааст, ки ин натиҷагирӣ аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими ин қисмати диссертатсия мебошад.

Дар Хулосаи диссертатсия, ки аз 13 банди назарӣ ва 8 банд тавсияҳои амалӣ ибора аст, натиҷаҳои муҳимтарини аз баррасиҳои муаллиф ба даст омада, пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои аслии таҳқиқот, дар 6 мақола ифода ёфтаанд, ки аз ҷумлаи онҳо 4 ададашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд. Дастовардҳои диссертант дар сурати нашри мақолот ва ширкату суханрониҳои ӯ дар ҳамоишҳои сатҳи мухталиф шореҳи воқеии ин матлаб мебошанд, ки ин диссертатсия аз тозагиҳои шоиставу қобили таваҷҷуҳи илмӣ бархурдор буда, саҳифаҳои тозаеро дар шинохти хадамоти адабӣ ва илмии Расул Ҳодизода боз кардаанд.

Мутолеаи автореферати диссертатсия равшан месозад, ки баробари чунин натиҷаҳои назарраси илмӣ дар он бархе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ниёз ба ислоҳ доранд:

1. Бахши “Мубрамияти мавзуъ” ва фаслҳои боби аввали диссертатсия ба сурати муфассал дар автореферат шарҳу баён ёфтаанд. Хуб мешуд, ки аз ҳисоби ихтисори ин қисматҳо дар автореферат меҳварҳои қисматҳои дигар бештар манзур мешуданд.
2. Дар автореферати диссертасия бархе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, (масалан саҳ, 4, 5,24,26, ва ғ.), ки ислоҳи он ба салоҳи кори муаллиф аст.

Албатта, эродҳои манзуршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Ба таври куллӣ метавон таъкид дошт, диссертатсияи **Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик”** таҳқиқоти анҷомдодаёфта ба шумор буда, аз арзишу аҳамияти муҳими илмӣ бархурдор мебошад. Дар канори ин, диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-

35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **6.2.15**- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Муқарризон:
Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, директори институти илмӣ-
тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нурзод Нуралӣ Нор

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти
муосири тоҷики МДТ “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Раҷабов Боҳир Мукаммилович

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор
Нуралӣ Нурзод ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Раҷабов Боҳирро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Заррина Сайдуллозода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 928057007 E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
07.08.2026